УДК 338.46
ББК 65.05
Н 82

**ТАРАҚҚИЁТИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАЪМИНОТИ - ОБ БА АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

***Норҷигитов Равшан Орзикулович****- сармуаллими кафедраи назарияи иқтисоди МДТ «ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров», e-mail:norjigitov_r@mail.ru*

**РАЗВИТИЕ РЫНКА ВОДО - СНАБЖЕНИЯ НАСЕЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

***Норжигитов Равшан Орзикулович****- старший преподаватель кафедры экономической теории ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», e-mail:norjigitov_r@mail.ru*

**WATER MARKET DEVELOPMENT SUPPLY TO THE POPULATION IN MODERN CONDITIONS**

***Norzhigitov Ravshan Orzikulovich*** *- Senior Lecturer, Department of Economic Theory, KSU named after acad. B.Gafurova, e-mail:norjigitov_r@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *хоҷагидории манзилию коммуналӣ (ХМК), стратегияи Рушди устувор, сифат ва сертификатсия, иҷтимоӣ-демографии лоиҳаи минтақавии обтаъминкунӣ, сиёсати давлатии молиявӣ, хизматрасонии обтаъминкунӣ.*

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии моҳият, афзалиятҳо ва нуқсонҳои сифати хизматрасонии таъминоти об ба аҳолӣ дар соҳаи хоҷагидории манзилию коммуналӣ (ХМК) дар давраи муосир баррасӣ мешавад. Дар натиҷаи таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашудаи корхонаи обтаъминкунӣ як қатор хусусиятҳо ва омилҳои манфии ҳодисаҳои дар хизматрасонии обтаъминкунӣ ба миён омада муайян шудааст. Яъне дар чорчӯбаи стратегияи Рушди устувор муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки ба таъмини манфиатҳои миллӣ, беҳбуди зиндагии мардум нигаронида шудааст.*

***Ключевые слова:*** *жилищно-коммунальное хозяйство, стратегия устойчивого развития, качество и сертификация, социально-демографический и региональный проект водоснабжения, государственная финансовая политика, услуги водоснабжения.*

*В данной статье рассматриваются теоретические основы сущности, преимущества и недостатки качества услуг водоснабжения населения в сфере жилищно-коммунального хозяйства (ЖКХ) в современную эпоху.В результате анализа проведенных исследований водопроводной компании определен ряд характеристик и негативных факторов событий, возникающих в водопроводной службе. То есть считается важным в рамках стратегии устойчивого развития улучшение водоснабжения населения, что направлено на обеспечение национальных интересов и улучшение жизни людей.*

***Key words:*** *housing and communal economy, sustainable development strategy, quality and certification, socio-demographic and regional water supply project, state financial policy, water supply services.*

*This article discusses the theoretical foundations of the essence, advantages and disadvantages of the quality of water supply services for the population in the field of housing and communal services (HCS) in the modern era. As a result of the analysis of the conducted studies of the plumbing enterprise, a number of characteristics and negative factors of events occurring in the plumbing service were identified. That is, it is*

*considered important within the framework of the sustainable development strategy, which aims to ensure national interests and improve people's lives.*

Мушкилотҳои сифати хзматрасонии таъминоти об ба аҳолӣ дар соҳаи хоҷагидории манзилию коммуналӣ (ХМК) дар давараи муосир муҳимияти махсусро пайдо менамояд, зеро аз ин амал самти иҷтимоии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва некуаҳволии он бо сифати хизматсрасониҳои коммуналӣ алоқамандии зич пайдо кардааст.

Тараққиёти корхонаҳои таъминоти оби ошомиданӣ бе таҳлили омилҳои бисёрҷабҳаи он имконнопазир мебошад, ки ба сифати хизматҳои расонида мешуда таъсири бевосита мерасонанд. Муносибатҳои гуногун оид ба муайян намудани омилҳои ба сифати хизматрасонии таъминоти оби ошомиданӣ мавҷуданд.

Дар ин ҷода омӯзиш, тадқиқ ва таҳлили омилҳои аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта мешуда барои амалигардонии тадқиот доир ба истифодабарии ӯҳдадориҳои онҳо дар чорчӯбаи стратегияи Рушди устувор муҳим арзёбӣ карда мешавад. Махсусан ҳамаи ин ба мо имконият медиҳад, ки омилҳои ба беҳтаргардонии сифати хизматрасонии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ муайян ва таҳлил карда шаванд.

Ҷоиз ба гуфтанист, ки ба хизматрасонии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомидани омилҳои дохилӣ ва беруна таъсир мерасонанд.

Омилҳои дохилӣ –ин шароитҳое, ки ҳангоми хизматрасонӣ ба аҳолӣ доир ба таъминот бо оби ошомиданӣ ба миён меояд, ки ба ташкили таъминот таъсир расонанд. Одатан ба ин гуна омилҳо унсурҳои ташкилӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ-техникӣ дохил мешаванд. Ба омилҳои ташкилӣ сиёсати роҳбарияти корхона, сатҳи тахассуснокии ҳайати кормандон, сохтори ташкилии идоракунӣ, низоми менеҷменти сифат ва сертификатсия дохил мешаванд **[1].**

Сатҳи сифати хзатрасонии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ба фикри мо бо омилҳои ташкилии зерин ба монанди дигаргуниҳои сохторӣ дар низоми идоракунии корхона ва таҷдиди низоми идоракунии сифат ва сертификатсияи хизматрасонӣ алоқамандӣ дорад.

Дар идоракунии появӣ унсури асосии сохтори ташкилӣ ин соҳаҳои оптималӣ ба ҳисоб меравand, ки ҳангоми истифодабарии онҳо самаранокии фаъолияти корхона ва сифати хизматрасонӣ беҳтар мегардад.

Аз нав намудани сохторӣ яке аз усулҳои ислоҳоти корхонаҳои хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми он самаранокии низоми идоракунӣ, фаъолияти корхона коҳиш ёфта, ба талаботи бозорӣ ҷавобгӯ намешавад ва дар натиҷа вазъияти молиявии онҳо мушкил мегардад.

Сертификатсиякунонии хизматрасонии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ин фаъолияти дастгирӣ намудани бехатарии экологӣ ва технологӣ мебошад, ки ба воситаи баҳодиҳии низоми идоракунии сифат дар муассисаҳо амалӣ карда мешавад.

Сертификатсия таҳлили хислатҳои хизматрасонӣ, қонеъгардонии истеъмолкуанандагон, мавҷудияти захираҳои зарурӣ ва дигар унсурҳоро барои таъмини иҷроиши талаботҳо, меъёрҳо ва дигар санадҳоро дар назар дорад.

Сертификатсияи хизматрасонии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ин фаъолиятест, ки барои нигоҳдории талаботҳои бехатарӣ, экологӣ, технологӣ ба воситаи баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ дар корхонаи обтаъминкунанда мебошад [2].

Таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашуда имконият медиҳад, ки қайд намоем, ки сертификатсияи корхонаи обтаъминкунӣ як қатор хусусиятҳо дорад:

- Гуногуншаклии намудҳои хизматрасонӣ, ки танҳо дар ягонагӣ метавонанд эҳтиёҷоти аҳолиро бо таъминоти самаранок ва сифатнок таъмин намоянд;
- Таъминоти гуногуншаклии моддию техникӣ ва сатҳи тахассуснокии иҷрокунандагон дар марҳилаҳои хизматрасонӣ;
- Сифати хизматрасонӣ аз мутахассисон ва роҳбарияти корхона вобастагӣ дорад;
- Вобастагии хизматрасонии обтаъминкунӣ дар маҳалҳо ва эҳтиёҷоти тағйирёбандаи аҳолӣ.

Дар давраи муосир, дар шароити муттасил баландшавии нархи хизматрасониҳои коммуналӣ дар Ҷумуҳрии Тоҷикистон, масъалаи асосӣ ин қонеъгардонии истеъмолкунанда (аҳолӣ) бо хизмати сифатноки обтаъмин кунӣ мебошад. Бо баробари ин набояд ҳолатеро аз мадди назар дур намуд, ки сифати хизматрасониҳои обтаъминкунӣ кафолати муваффақияти корхонаи обтаъминкунӣ дар бозори хизматрасонии коммуналӣ баромад намекунад.

Мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ ҳангоми истифодабарии чараёни гузаронидани сертификатсия имконият пайдо мекунанд, ки фишанги афзоиши идоракунии корхонаҳои обтаъминкунандаро ба андозае баланд карда, сатҳи касбии онҳро такомул диҳанд ва имконияти коркарди пояи меъёрӣ-ҳуқуқии баланд намудани идоракунии ҳайати кормандонро мустаҳкам намоянд, то ки хизатрасонии обтаъминкуниро дар сатҳи баланд нигоҳ доранд. Низоми менеҷменти сифат ин ягонагии усулҳо, ташкилотҳои сохторӣ, ҷараёнҳо ва яккатор иқтидорҳо мебошад, ки барои идоракунии сифати идоракунӣ ва беҳтаргардонии мутасили фаъолият, баланд намудани рақобатпазирӣ мусоидат намоянд.

Бо истифода аз муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ бо дастраскунандагон, ҳамкорон ва истеъмолкунандагони хизматрасонӣ, дар корхонаҳои обтаъминкунӣ имкониятҳои хуби низоми идоракунӣ пайдо мешавад, ки барои тараққиёти самти баланд намудани сифати хизматрасонӣ заминаи зарурӣро таъсис медиҳанд.

Омилҳои ба сатҳи сифати хизматрасонии обтаъминкунӣ ба аҳолӣ метавонад даромаднокӣ ва ё ҳаҷми фоидаи соф баромад кунад, ки аз тарафи корхонаи обтаъминкунӣ ба даст оварда мешавад.

Бо баробари афзоишёбии даромаднокии корхонаи обтаъминкунӣ, фаъолияти он боз ҳам босифат ва натиҷагирӣ мешавад. Хӯрдашваии баланди сохтори ёрирасони хизматрасонии манзилию коммуналӣ нишондоди дақиқи сатҳи хизматрасонии обтаъминкунӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳалли чунин мушкилот бештар ҷалби инвеститсияҳои иловагӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмиллаӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода вазифаи асосӣ ба ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ доир ба хизматрасонии обтаъминкунӣ баромад мекунад, ки ба сифати обтаъминкунии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад. Дар шароити чунин ҳамкорӣ оидатан ба бахши хусусӣ имконияти идора намудани амволи давлатӣ пешкаш карда мешавад, ки дар ин ҳолат бахши хусусӣ аз ҳисоб маблағгузории худ ва пардхоти истифодабарандагони хизматрасонии обтаъминкуӣ шароити ногуворро беҳтар гардонида метавонад.

Таъсири ҷиддиро ба омилҳои истеҳсолӣ-техникии соҳаҳои ёрирасони хизматрасонии обтаъминкунӣ сатҳи хӯрдашавии онҳо мерасонад. Истифодабарии воситаҳои асосӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ хӯрдашуда дар сохтори хизматрасонии обтаъминкунӣ барои худи корхона монеъаҳои зиёд эҷод намуда, барои ҳалли самараноки масъалаҳои инкишофи инноватсионии корхонаро маҳдуд менамояд. Ҳамзамон амалигардонии номгӯи хизатрасониҳои гуногунро маҳдуд карда, ба сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ таъсири худро мерасонад.

Омилҳои беруна ин шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, табиӣ-ҷуғрофӣ, омилҳои илмӣ баромад мекунанд, ки ба онҳо корхонаҳои обтаъминкунӣ дахолат карда наметавонанд. Ба омилҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама даромадҳо ва сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ дохил мешавад. Нишондҳандаҳои даромаднокӣ ва сатҳи пардохтнокии аҳолӣ ба сатҳ ва сифати хизматрасонии таъминоти аҳоли бо оби ошомиданӣ таъсири бавосита мерасонанд. Пардохтпазирии пасти аҳолӣ ба он оварда мерасонад, ки корхонаи обтаъминкунӣ бо қарзи дебиторӣ ва қарзҳои ташкилотҳо дучор мегардад, ба номӯътадилии молиявии корхона оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат онҳо қисми воситаҳои пулиро аз даст медиҳанд, ки мувофиқан ба коҳишёбии сатҳи сифати хизматрасонӣ ва омили боздорандаи таҷдиди соҳаҳои ёрирасонӣ обтаъминкунӣ мусоидат менамоянд.

Дигар омили иқтисодие, ки ба сатҳу сифати хизматрасонии обтаъминкуӣ таъсир мерасаонал ин ҳодисаи таваррум ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки афзоиши ҷараёни таваррум корхонаҳои обтаъминкуниро барои баланд намудани нархи хизматрасониҳо маҷбуд менамояд, ки ба афзоиши хароҷот ва мувофиқан ба коҳишёбии устувории молиявии худи корхона оварда мерасонад.

Ҳолати иҷтимоӣ-демографӣ низ ба сифати хизматрасонии обтаъминкунӣ ба воситаи дигаргуншавии ҳолати демографӣ дар мамлакат таъсир мерасонад.

Як қатор омилҳои табиӣ-ҷӯғрофӣ аз он ҷумла шароитҳои иқлимӣ ва ҷойгиршавии корхонаи обтаъминкунӣ бевосита ба сатҳи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд, зеро ҳодисаҳои табиии ба миён омада метавонанд барои иншоотҳои обтаъминкунӣ таъсири ҷиддӣ расонанд, ки ҳамаи ин ба сифати хизматрасонии обтаъминкунӣ барои аҳолӣ инъикоси худро меёбад.

Ҳангоми таъсисдиҳии муҳити беруна омилҳои давлатӣ низ таъсир мерасонанд, ки аз тарафи давлат мустақиман танзим карда мешаванд. Ба сифати мисол ҳолатеро овардан мумкин аст, ки нархи хизматрасони таъминоти об бевосита дар сатҳи давлат коркардшуда, дар ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Сиёсати давлатии молиявӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ барои дастгирии масъалаҳои аниқ равона карда мешаванд, аз он ҷумла таҷдиди техникии комплекси обтаъминкуӣ ба воситаи молиягузории буҷетӣ ба лоиҳаҳои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ. Инчунин қарздиҳии мақсадноки давлатӣ ба воситаи пешкаш намудани дотатсияҳо ба сатҳи сифати обтаъминкунии аҳолӣ таъсирри назаррас мерасонад.

Ба фикри мо дар байни омилҳои ҳуқуқӣ ба сифати хизматрасонии обтаъминкунӣ ба назорати сатҳ ва сифати фаъолияти корхонаҳои обтаъминкунӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ бояд истеъмолкунандагон ва пешкашкунандагони хизматрасонӣ фаъолона иштирок намоянд. Лекин ба ин нигоҳ накарда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фишангҳои амалигардонии баҳодиҳии сифати хизматрасонизои обтаъминкунӣ ва сатҳи санадҳои меъёрҳои барои ҳалли ин мушкилӣ мусоидат наменамоянд.

Дар соҳаи хизматрасонии обтаъминкунӣ, сифати хизматрасонӣ беш аз ҳама барои муайян намудани сатҳи он ва инкишоф додани он зарур аст. Мақомотҳои назоратии асосии давлатӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ дар айни ҳол Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои идоракунии маҳалҳо баромад мекунанд.

Коркарди омилҳои илмии инноватсионии баланд намудани сифати хизматрасонии обтаъминкунӣ таҳлили ҳолати обтаъминкуниро дар мамлакат талаб менамояд. Дар поён мо таҳлили мухтасари ҳолати соҳаи обтаъминкуниро дар Тоҷикистон овардем, ки аз тарафи гурӯҳи экспертӣ дар чорчӯбаи амалигардонии лоиҳаи “Коркарди нишондиҳандаҳои мақсаднок ва нақшаи амалӣ намудани онҳо дар ҷодаи “Протокол оид ба муаммоҳои об ва саломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шуда буд.

Ҳаҷми оби дар соҳаи обтаъминкунӣ истифодашаванда, тақрибан 400 млн. $М^3$ дар як солро ташкил медиҳад. Аз ин шумора бевосита аз тарафи аҳолӣ 103-105 млн. $М^3$ об истифода мешавад. Эҳтиёҷот ба оби ошомиданӣ ва санитарӣ тақрибан 5% ҳаҷми умумии истеъмоли обро дар кишвар дар бар мегирад.

Вобаста ба масъалаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомидани, аз рӯи маълумоти хадамоти давлатии сантирарию эпидемиологӣ, дастрасии беҳтар ба оби ошомидани 56,7% аҳолӣ, аз он ҷумла 92,5% аҳолии шаҳрҳо ва 41,5% аҳолии деҳот бо оби ошомидани таъмин ҳастанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаҳои марказии обтаъминкуӣ 763 ададро ташкил дода, 110 адади онҳо коммуналӣ ва 653 адад идоравӣ мебошанд. Шабакаҳои обтаъминкунӣ, ки ба талаботҳои санитарӣ-эпидемиологӣ ҷавобгӯ нестанд 432 адад (56,6%), минтақаи ҳифзи санитарӣ надошта 261 (34,2%) ташкил медиҳанд. Бо баробари ин барои мақсадҳои хоҷагидорӣ-нӯшокӣ 1360 шабакаҳои ғайримарказонидашудаи обтаъминкунӣ, чашмаҳо ва чоҳҳо истифода мешаванд. Аҳолии мамлакат барои эҳтиёҷоти худ обро аз сарчашмаҳои гуногун истифода мебаранд: аз чашма – 9,6%, аз дарёҳо – 3,8%, аз каналҳо ва ҷӯйборҳо – 19,8%, оби кашонида – 2,7%, аз чоҳҳо – 2,4%, оби зеризаминӣ – 3,8% ва оби боронро – 0,3% истифода мебаранд. Аҳолии деҳот асосан обро барои эҳтиёҷоти худ аз обамборҳо ва шабакаҳои обкашӣ истифода мебаранд.

Мушкилотҳои назаррас дар соҳаи ташноб ва дастрасӣ ба низоми санитарӣ вуҷуд дорад. Дар мамлакат танҳо 79,8% аҳолии шаҳрҳҳо, 18,2% аҳолии шаҳракҳо ва 0,2% аҳолии деҳот бо низоми ташноб таъмин мебошанд, ки ба талаботҳои санитарӣ ҷавобгӯ мебошанд. Танҳо 29 шаҳр ва 62 шаҳракҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ташноби марказонидаро доранд.

Чунин ҳолат бо мавҷуд набудани таҷҳизотҳои коммуналии ташноб ва санитарӣ тавсиф карда мешавад. Таҷдид ва азнавсозии ин низомҳо дар даҳсолаҳои охир асосан аз ҳисоби воситаҳои аҳолӣ ва дигар истифодабарандагон амалӣ карда шуда истодаанд. Қисми зиёди корҳо доир ба инкишофи ташноб ва санитария дар чорчӯбаи лоиҳаҳои байналхалқӣ амалӣ шуда истодаанд. Аз он ҷумла Лоиҳаи минтақавии обтаъминкунӣ ва санитарӣ дар вилояти Суғд, Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва санитарӣ дар Тоҷикистон, ки аз тарафи Агентии доир ба тараққиёт ва ҳамкории Шветсария амалӣ шуда истодааст.

Баҳодиҳии ҳолат ва самаранокии низоми идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ, низомҳои ташноб ва санитарӣ норасогиҳои назаррасро нишон медиҳад, ки ҳамчун вазъияти ногувор арзёбӣ карда шуданаш мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои хоси муосири ҳолати низоми идоракунии бахши обтаъминкунӣ ва ташноб бевосита фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии сохтори ёрирасон, ғайрисамараноки истифодабарӣ ва талафоти калони об ба ҳисоб мераванд. Дар чунин шароит бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба миён омада зарурати ҷорӣ намудаи идоракунии интегриронӣ бо захираҳои обӣ зарур аст. Ба зарурати тарзи идоракунии мазкур дар Тоҷикистон низоми ғайрисамараноки идоракунии захираҳои обӣ ва фарсудашавии соҳаҳои ёрирасони обтаъминкунӣ ва сантирие, ки дар асри гузашта сохта шуда буданд баромад мекунад. Натиҷаҳои амалигардонии лоиҳаи “Идоракунии ҳамгироии захираҳои обӣ дар водии Фарғона”, ки аз тарафи Агентии доир ба тараққиёт ва ҳамкории Шветсария маблағгузрӣ карда мешавад, натиҷаҳои мусбатро нишон дода истодааст.

Масъалаи асосии миллӣ дар ин соҳа суръати паст ва муносибати номутасил барои амалигардонииислоҳот дар ҷодаи идоракунии ҳамгироӣ бо захраҳои обӣ, аз он ҷумла идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ ва идоракунии соҳаи ёрирасони обтаъминкунӣ ва ташноб баромад мекунанд.

Омилҳои манфии ҳодисаҳои дар хизматрасонии обтаъминкунӣ ба миён омада, аз чунин хусусиятҳо иборат мебошанд:

- тақсимоти аниқ дар ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои байни истеъмолкунандагон ва обтаъминкунандагон вуҷуд надорад;
- аз буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ захираҳои зарурӣ барои сохтмон ва таҷдиди низоми обтаъминкунӣ ҷудо карда намешаванд;
- сифати пасти хизматрасонӣ ва нархи баланди беасос барои обтаъминкунии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ;
- низоми назорат аз болои маҳдудияти истифодабарии оби ошомиданӣ барои мақсадҳои хоҷагидорӣ ташаккул наёфтааст;
- рӯйпӯш намудани хароҷоти обтаъминкунии аҳолӣ аз ҳисоби дигар истеъмолкунандагон;
- низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии нақшавӣ-молиявии фаъолият ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд.

Ба фикри мо ҳалли ин мушкилотҳо дар натиҷаи номукаммалии ислоҳотҳои институтсионалӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ ва гузариш ба идоракунии ҳамгироӣ, норасогии инвеститсияҳои барои нигоҳдории таъминоти низоми обтаъминкунӣ ва ташноб равона мешуда, мустаҳкамгардонии иқтидори мақомотҳои идоракунӣ дар ҳама самтҳо, такомули сиёсати тарифӣ, фискалӣ ва андозӣ дар хоҷагидории обӣ, ба роҳ мондани ҳамкории тарафайни байни аҳолӣ ва корхонаҳои обтаъминкунӣ ҳалли худро ёфта метавонад.

## АДАБИЁТ (БО ЗАБОНИ АСЛӢ):


1. Жолнерчик С.С. Механизмы и методы социальной поддержки населения/ С.С. Жолнерчик, Н.Ю. Вилло, Е.Н. Панова// Научно-технические ведомости СПбГПУ. -2007.-№4. –С.99 (С. 97-110)
2. Закон Республики Таджикистан от 09 декабря 2004 г. №12 «О защите прав потребителей». Доступно по адресу: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8294
3. Зекунов А. Г. Управление качеством: учебник для бакалавров / А. Г. Зекунов, В. Н. Иванов, В. М. Мишин, Ю. В. Пазюк, Т. И. Власова; под ред. А. Г. Зекунова. -М. Издательство Юрайт, 2013. – С.112 (475 с.)
4. Зекунов А. Г. Управление качеством: учебник для бакалавров / А. Г. Зекунов, В. Н. Иванов, В. М. Мишин, Т. И. Власова; под ред. А. Г. Зекунова.-М. Издательство Юрайт, 2013.– С.121 (475 с.)
5. Кириллова А.Н. Институциональная инфраструктура реформирования жилищно-коммунального комплекса // Эффективное антикризисное управление. – 2010. № 3 (62). – С.43 (С. 40–47.)
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года. Доступно по адресу: http://fez.tj/governance/24-nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda.html
7. Нотенко С. П., Донсков С. В., Чекановский Ю. Л. Управление качеством жилищно-коммунальных услуг / Жилье и реформы № 2 (4) март 2003-С.26 (С.24-34)


## LITERATURE


1. Zholnerchik S.S. Mechanism and method of social support of the population/ S.S. Zolnerczyk, N.Y. Willow, E.N. Panova// Scientific and technical bulletin of SPbGPU. -2007.-№4. - P. 99 (P. 97-110)
2. Law of the Republic of Tajikistan dated December 9, 2004. No. 12 "Protection of consumer rights". Available at: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8294
3. Zekunov A. G. Quality management: textbook for bachelors / A. G. Zekunov, V. N. Ivanov, V. M. Mishin, Yu. V. Pazyuk, T. I. Vlasova; pod ed. A. G. Zekunova. - M. Izdatelstvo Jurayt, 2013. - P.112 (475 p.)
4. Zekunov A. G. Quality management: textbook for bachelors / A. G. Zekunov, V. N. Ivanov, V. M. Mishin, T. I. Vlasova; pod ed. A. G. Zekunova.-M. Izdatelstvo Jurayt, 2013.- P.121 (475 p.)
5. Kirillova A.N. Institutional infrastructure of the reform of the residential and communal complex // Effective anti-crisis management. – 2010. No. 3 (62). - P. 43 (P. 40-47.)
6. National development strategy of the Republic of Tajikistan until 2030. Available at: http://fez.tj/governance/24-nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda.html
7. Notenko S. P., Donskov S. V., Chekanovsky Yu. L. Management of the quality of housing and communal services / HousiMarch 2003-P.26 (P.24-34)